МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№4 (68),
АПРЕЛИ СОЛИ 2021
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Тадбирҳои андешидаи Пешвои миллат дар раванди густариши корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Академия

### Дар ҳошияи суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи якуми Шӯрои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15-уми апрели соли 2021



Дар расми тантанавии ифтитоҳи бинои нави таълимии Академияи ВКД Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш санаи 30-юми августи соли 2017 иброз доштанд, ки "Академияи ВКД ба сифати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар тарбияи кадрҳои баландихтисос барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми назаррас дошта, кормандону хатмкардагони он дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, таъмини волоияти қонун ва тахкими сулҳу суботи кишварамон фидокорона заҳмат кашида, ба Ватан ва халқи Тоҷикистон содиқона хизмат карда истодаанд".

Ногуфта намонад, ки таълим ва тайёр намудани кадрҳо дар мақомоти корҳои доҳилӣ яке аз рукнҳои асосии тайёр намудани мутахассисон барои низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба шумор меравад. Мақсадҳои стратегии маориф дар тайёр намудани кадрҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати маориф ва илм пешниҳод карда мешаванд, ки ба масъалаҳои инкишофи ҷомеа вобастагии зич доранд.

Намудҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ (Академияи ВКД, Маркази таълимии ВКД, Маркази таълимии Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии ВКД, Маркази таълимии Раёсати Қӯшунҳои дохилии ВКД, Марказҳои таълимӣ ва тактикии ВКД дар шаҳру ноҳияҳои кишвар, Коллеҷи милитсияи ВКД, Коллеҷи оташнишонӣ-техникии ВКД, курсҳои олии академӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (дар такягоҳи Академияи ВКД), таҳсил ва бозомӯзии кормандон дар кишварҳои ИДМ ва хориҷи кишвар маҳсули дастгирии бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мeёбанд.

*Давомаш дар саҳ. 2*


ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

СИПОСНОМА

РӮЗНОМАИ "НАБЗИ МИЛИТСИЯ"-И АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Барои иштироки фаъолона дар инъикоси рӯйдодҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии мамлакат, таблиғи дастовардҳои Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва ба ифтихори **"Рӯзи матбуоти тоҷик"** қадрдонӣ карда мешавад.

Бо эҳтиром,
Вазир Давлатзода З.Д.

## "Набзи милитсия" бо Сипосномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шуд

Нақши матбуоти даврӣ ва воситаҳои ахбори умум дар инъикоси ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ хеле калон аст. Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди ин соҳаи муҳим таваҷҷуҳи хос дода шуд. Рӯзи 19-уми марти соли 2013, таҳти №961 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма" қабул гардид. Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма ва кафолати давлатии озодии онҳоро мукаррар карда, муносибатҳои вобаста ба онҳоро танзим менамояд.

Солҳои зиёд то таъсиси рӯзномаи "Набзи милитсия" ҳаёти ҷамъиятии Академия тавассути рӯзномаҳои деворӣ ва нашрияҳои ҷудогонаи идона инъикос мегардид. Маҳз бо туфайли ташаббуси шахсии сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ нашрияи Академия бо номи "Набзи милитсия" таъсис дода шуда, 24-уми августи соли 2015 таҳти №0383/РЗ дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд. Санаи 12-уми апрели соли 2021 бошад, ин нашрияи Академия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №242/РЗ аз нав ба қайд гирифта шуд.

Дар арафаи ҷашни муқаддаси миллӣ - 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашрияи "Набзи милитсия" барои инъикоси ҳаёти ҷамъиятӣ, нақши муҳим дар тарбияи маънавии насли ҷавони милитсия ва бахшида ба Рӯзи матбуоти тоҷик бо Сипосномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардид.

Роҳбарияти Академия ҳайати эҷодии "Набзи милитсия" ва ҳамаи онҳоеро, ки бо нашрияи мазкур ҳамкорӣ доранд, бо ин дастоварди муҳим самимона табрику таҳният гуфта, дар корҳои эҷодии онҳо комёбиҳои нав ба нав таманно менамоянд.

# Тадбирҳои андешидаи Пешвои миллат дар раванди густариши корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Академия

## Дар ҳошияи суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи якуми Шӯрои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15-уми апрели соли 2021

*(Аввалаш дар саҳ.1)*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлолият маорифро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ шуморида, соли 2010-ро "Соли маориф ва фарҳанги техникӣ" эълон намуда буд. Дар ин замина як қатор санадҳои муҳим аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд, ки дар низоми ВКД низ амалӣ карда шуданд. Аз қабили "Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2006 таҳти №484 тасдиқ шудааст), Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2007 таҳти №529 тасдиқ шудааст), Низомномаи мутахассис (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2007 таҳти №650 тасдиқ шудааст), Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ( бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми майи соли 2002 таҳти №200 тасдиқ шудааст), Низомномаи намунавии муассисаҳои маълумоти олии Тоҷикистон (бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми феврали соли 1996 таҳти №714 тасдиқ шудааст).

Албатта, ҳамаи ин шаҳодати он аст, ки ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушд ва инкишофи низоми мақомоти корҳои дохилӣ ва талабот ба кадрҳо аз рӯзҳои аввали таъсисёбии он ба назар расида, фаъолияти милитсия бо мутахассисон таъмин карда мешуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ норасоии кадрҳо доимо ба назар мерасид. Дар ин асос Ҳукумати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба Ҳукумати марказии Иттиҳоди Шӯравӣ борҳо дар бораи дар доираи ҷумҳурӣ тайёр кардани кадрҳои мақомоти корҳои дохилӣ муроҷиат намуда буд. Дар робита ба ин, соли 1970 дар ҷумҳурӣ мактаби миёнаи махсуси милитсияи Душанбегии ВКД ИҶШС созмон дода шуд, ки ин ибтидои тайёр кардани кадрҳо барои мақомоти корҳои дохилии Тоҷкистон буд. Бо кушодшавии мактаби миёнаи махсуси милитсияи Тоҷикистон як қатор пешравиҳо ба назар расид, ки дар доираи онҳо ҷумҳурӣ бо кадрҳои миллӣ таъмин карда мешуд. Минбаъд, дар заминаи мактаби миёнаи махсуси милитсия 23-юми декабри соли 1991 Мактаби олии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки 200 нафар кормандону омӯзгорон ба таълим ва тарбияи кадрҳои ҷавон машғул буданд. Роҳбарии ин мактаби



олӣ ба зиммаи яке аз собиқадорони ВКД полковники милитсия Ҷумъаев Усмон Саломович гузошта шуд, ки таҳти роҳбарии ӯ якумин бор дар ҷумҳурӣ 450 нафар мутахассисон бо маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ ва рутбаи лейтенанти милитсия ба сафҳои мақомоти корҳои дохилӣ ба хизмат фиристода шуданд. Аз соли 1993 то соли 2000-ум ба Мактаби олии ВКД яке аз мутахассисони варзидаи мақомоти корҳои дохилӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, генерал-полковники милитсия Қаҳҳоров Абдураҳим Абдулаҳадович роҳбарӣ намуд. Таҳти роҳбарии вай Мактаби олии ВКД ба яке аз муассисаҳои бонуфузи таълимии ҷумҳурӣ табдил ёфт, ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1996 аз ин таълимгоҳ дидан намуда, ба фаъолияти омӯзгорону афсарони он дар самти тайёр кардани кадрҳо баҳои сазовор доданд.

Солҳои 2000-2005 ба Мактаби олии ВКД полковники собиқадори мақомоти корҳои дохилӣ Шамсулло Саймуддинов роҳбарӣ намуд, ки маҳз дар давраи фаъолияти ӯ ин муассисаи таълимӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2000 таҳти №519 ба Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Ш. Саймуддинов дар мавзӯи "Ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти муосири он" рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, ба унвони номзади илмҳои сиёсатшиносӣ ва генерал-майори милитсия мушарраф гардид.

Таҳти роҳбарии Ш. Саймуддинов шумораи олимони Академия афзуда, бо Академияи идоракунии ВКД-и Федератсияи Руссия робитаҳо мустаҳкам гардида, роҳи таҳсил дар адъюнктураи Академияи идоракунии Федератсияи Руссия кушода шуда, тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ ривоҷ ёфт. Дар ин давра муовини сардори Академия оид ба корҳои илмӣ, ҳуқуқшиноси шоистаи ҷумҳурӣ Карим Солиев рисолаи номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуда, дар самти ривоҷи корҳои илмӣ ва интишори дастовардҳои Академия нақши калон гузошт. Соли 2004 К. Солиев рисолаи номзадӣ дар мавзӯи "Фаъолияти ҳуқуқмаънидодкунии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: аспекти умуминазариявӣ" (аз рӯи ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат) ҳимоя намуд.

Зери роҳбарии бевоситаи ӯ "Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо забони давлатӣ таҳия гардидааст, ки он дар таърихи илми ҳуқуқшиносии тоҷик нахустин падидаи нодир мебошад. Таҳияву коркарди Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳо "Дар бораи милитсия", "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ", "Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон", "Дар бораи сирри давлатӣ" хизматҳои илмии К. Солиев мебошанд. Алҳол, К. Солиев баробари вазифаи баланди роҳбарӣ будан, ҳамзамон аъзои якчанд гурӯҳҳои корӣ дар сатҳи комиссияҳои ҳукуматӣ ва идоравӣ оид ба таҳия ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар фаъолияти онҳо пайваста иштирок мекунад. Аз ҷумла, аъзои Шӯрои илмӣ-машваратии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба қалами К. Солиев 6 монография, беш аз 100 мақолаи илмӣ ва илмӣ- методӣ, ки ба паҳлуҳои гуногуни қонунгузорӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳо бахшида шудаанд, тааллуқ доранд. Инчунин, дар он айём сардори кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ Розиқзода А.Ш. дар мавзӯи "История формирования и деятельности милиции Таджикистана" рисолаи докторӣ ҳимоя намуда, соҳиби унвони доктори илмҳои таърих гашт.

Солҳои 2005-2009 сардори Академия генерал-майори милитсия Файзиддин Дӯстов буд, ки дар ин солҳо неруи илмӣ-педагогии ин муассиса боқувват ва базаи моддӣ-техникиаш мустаҳкам гашт. Шумораи адъюнктон ва тадқиқотчиёни илм афзуд. Дар ин давра муовини аввали сардори Академия полковники милитсия Назаров Н.Ҷ. дар мавзӯи "Организационно-правовые основы становления и развития милиции Таджикистана (1917-2006 гг.) дар Академияи идоракунии ВКД-и Федератсияи Руссия бомуваффақият рисолаи доктори илми ҳуқуқро ҳимоя намуда, ба Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон баргашт.

Соли 1998 бо ташаббуси полковники хизмати дохилӣ С. Ғаюров дар заминаи факултети №3-и Академия шуъбаи бехатарӣ аз сӯхтор ва кор дар ҳолатҳои фавқулода кушода шуд.

Тибқи Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-26 январи соли 2008 таҳти №3 ва банди 12-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2008 таҳти №56, аз соли хониши 2009-2010 дар Академия тарбияи кадрҳои соҳаҳои сӯхторнишонӣ ва бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода бо тарзи таҳсили рӯзона ба роҳ монда шуд. Барои ташкили раванди таълим дар ин ихтисосҳо бо фармони Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №680 б/з аз 27 августи соли 2010 дар сохтори Академия факултети №5 ташкил карда шуд, ки ба факултети мазкур номзади илмҳои техникӣ, полковники милитсия С. Нарзулоев ва баъдан номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ , дотсент, полковники милитсия Саидзода З.А. солҳои гуногун роҳбарӣ намуданд.

Ҳодисаҳои табиӣ ва техногении замони имрӯза ба хоҷагии халқи мамлакат хисороти зиёд ворид намуда нобудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои сӯхторнишонӣ ва дифоъ дар ҳолатҳои фавқулода Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор намуд, ки роҳи ҳалли ин масъаларо аз имконияти дохилии ҷумҳурӣ ҷустуҷӯ намояд. Ин ҳам ташаббуси Пешвои миллат буд, ки дар назди Академияи ВКД факултети №5 ба фаъолият шурӯъ намуд.

Педагогҳо Тошматов У.Э., Худоёрбеков Д.Х., Дмитрев А.М., Сафронов П.Е., Кабирзода Ҷ.Ҳ., Ғаюров С.Ш., Миров С., Бойзода Ҷ.Ҷ., Самиъзода Б.С., олимон Курбанов Ю.А., Солиев К.Ҳ., Розиқзода А.Ш., Абдуллоев Р.,

Абдулов А.М., Назаров Н.Ҷ., Отабоева Л.А., Ғафуров М.Ҳ., Нарзуллоев С., Давлатшоева А., Раҷабов Р.М., Сайфиддинов А., Шарифзода Ф.Р., Саидзода З.А., Ҷӯраев Р.З., Сафарзода Ҳ.С., Нозиров Н.А., Хайруллоев Ф.С., Умари Х.А., Одиназода А.Ш., Ализода А.А., Мансурзода А.М., Раҳмадҷонзода Р.Р., Амруддинзода М.А., Насуриён П.А., Самиев Н.М., Хокироев Р., Саидолимов К., Муҳаммад С., Холмуродов Ф. ва дигарон, дар раванди таълиму тарбия ва тайёр кардани кадрҳо барои низоми мақомоти корҳои дохилӣ нақши босазо гузошта, аксари онҳо то ҳол дар таълиму тарбияи кадрҳои ҷавон саҳм гузошта истодаанд.

Бо пешниҳоди Президенти кишвар ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми январи соли 2009 Розиқзода Абдулҳакими Шералӣ (собиқ педагоги Академия), ки чанд муддат ба ҳайси ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ кор мекард, ба сардории Академияи ВКД таъин гашт. Розиқзода А.Ш. дар як муддати кӯтоҳ тавонист нерӯи бокувват ба созандаро дар Академия муттаҳид намуда, ба низоми таълиму тарбия, корҳои илмӣ, варзишӣ-фароғатӣ бо диду назари нав ва маъсулияти баланд муносибат намояд. Ҳамчун педагог ба раванди таълиму тарбия, дараҷаи тайёр намудани кадрҳо, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таъсир расонида, маҷмӯи чорабиниҳои зиёдеро амалӣ гардонид, ки ба фаъолияти босуботи Академия такони нав бахшид. Робитаҳои илмӣ ва хориҷии Академия густариш ёфта, аз фаъолияти босуботи он расонаҳои ахбор огоҳ гашта, шумораи довталабон афзуд.

13-уми декабри соли 2013 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №626 ба вазифаи сардори Академияи ВКД доктори илмҳои ҳуқуқ, генерал-майори милитсия Маҷидзода Ҷӯрахон Зоир таъин шуд. Маҷидзода Ҷ.З. - доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Аъзои ҳақиқии Академияи умумиҷаҳонии илмҳои амнияти комплексӣ, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1, Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи зиёда аз 100 асари илмӣ, ки ба методологияи тадқиқоти давлатдорӣ, ташаккулёбӣ ва инкишофи давлатдории этникӣ дар Осиёи Миёна, давлатдории миллӣ дар ИҶШС ва фазои баъдишӯравӣ, проблемаҳои этносотсиалии ҷинояткорӣ, масъалаҳои ташкилӣ ва тактикии муқовимат ба ҷинояткории миллӣ ва трансмиллӣ, аз он ҷумла дар соҳаи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор тааллуқ доранд, ба шумор меравад. Дар давраи сардории Ҷ. Маҷидзода дар заминаи Академия шуъбаи адъюнктура, ки аввал шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ-педагогӣ ном дошт, ташкил шуд. Шуъбаи мазкур бо мақсади тайёр намудани кормандони илмӣ ва илмию омӯзгории дорои унвони номзади илм дода шуда, шакли асосии он тайёр намудани кормандони илмии баландихтисос мебошад. Ҳоло дар адъюнктураи Академия беш аз 30 нафар адъюнктону унвонҷӯён дар шаклҳои ғоибона ва рӯзона таҳсил менамоянд.

Ин иқдоми пешгирифтаи сарварони собиқи Академияро роҳбари имрӯзаи он, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ идома дод. Ф. Шарифзода соли 1997 Мактаби олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро бомуваффақият хатм намуда, пас аз се соли кори амалӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ фаъолияти илмӣ-омӯзгории худро дар ин даргоҳ гузаронидааст. Боиси ифтихор аст, ки бо дастгирии бевоситаи Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва ташаббуси сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ, моҳи сентябри соли 2015 нашрияи даврии Академияи ВКД бо номи "Набзи милитсия", сомонаи интернетӣ, Маркази матбуот, Студияи радио ва телевизион таъсис дода шуданд, ки ҷиҳати баланд бардоштани нуфузи иттилоотии он дар миқёси муассисаҳои таълимӣ ва илмии ҷумҳурӣ, инчунин тарбия намудани курсантону шунавандагон саҳми арзандае мегузоранд. Маҷаллаи илмии Акдемия ба фехристи КОА ворид гашт. Пешравии обрӯю нуфузи Академия дар солҳои охир боз дар он ифода гардидааст, ки олимонаш дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти конунгузорӣ, ташкилотҳои байналмилалию байнидавлатӣ шомил буда, мунтазам таклифу пешниҳодот ирсол менамоянд. Масалан, пешниҳод ба Қарори Мушовараи якҷояи байни ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКД Федератсияи Руссия таҳти №732/1017 б/з аз 24-уми ноябри соли 2015 ҷиҳати баррасии Созишнома байни ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВКД Федератсияи Руссия дар бораи ҳамкориҳо дар самти фаъолияти илмӣ ва таълимӣ, ки аз ҷониби олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шудааст.



Қайд намудан ба маврид аст, ки соли 2015 мутахассисони Академия дар ҷаласаи якумини Шӯрои машваратии назди Шӯрои Вазирони корҳои дохилии ИДМ иштирок намуданд, ки дар он як қатор ҳуҷҷатҳои танзимдароварандаи сохтори мазкур тасдиқ карда шуданд. Ҳамчунин, барои иштирок дар озмуни лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотии бунёдӣ ва амалӣ барои солҳои 2015-2016 лоиҳаи мавзӯи Академияи ВКД ҶТ "Ташаккули консепсияи давлати ҳуқуқбунёд ва амниятӣ дар Тоҷикистон" ба Фонди Президентии тадқиқоти бунёдӣ ирсол карда шуд. Лоиҳаи мазкур дар озмун ғолиб баромада, қарори мусбати экспертҳо ва Шӯрои Фонди Президентии тадқиқоти бунёдиро гирифт.

Алҳол Академия муассисаи таҳсилоти олии касбиест, ки нақшаю барномаҳои таҳсилоти давлатии маълумоти миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва иловагии касбиро амалӣ месозад: тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисосро ба роҳ мемонад; дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва дигар намудҳои фаъолият тадқиқоти илмии бунёдӣ ва амалиро иҷро мекунад ва дар самти фаъолияти худ маркази илмию методӣ ба ҳисоб меравад. Муассиси Академия Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бевосита дар итоати Вазири корҳои дохилӣ қарор дорад. Академия дар тайёр намудани мутахассисони баландпоя дар соҳаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми арзанда мегузорад. Тайёрии касбии мутахассисони хадамоти гуногуни корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз тарафи Академия, бо назардошти шароити воқеӣ ба амал бароварда мешавад. Айни ҳол дар Академия бо дастгирии Вазири корҳои дохилӣ 8 доктори илм, 35 номзади илм, 8 дотсент барои пешбурди раванди илм ва таълим саҳми босазо мегузоранд. Аз инҳо 28 нафарашон номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 1 нафар номзади илмҳои таърих, 2 нафар номзади илмҳои филологӣ, 1 нафар номзади илмҳои педагогӣ, 2 нафар номзади илмҳои сиёсӣ ва 1 нафар номзади илмҳои кимиё мебошанд. Аз 24 кафедраи Академия аксари онҳо бо кадрҳои илмӣ-педагогӣ пурра таъмин гаштаанд.

Дар Академияи ВКД дар ҳамбастагӣ бо Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мавзӯъҳои гуногуни илмӣ аз ҷониби олимону омӯзгорон тадқиқотҳои фундаменталии илмӣ гузаронида мешавад. Танҳо давоми соли тақвимии 2019 дар Академия 195 чорабинии илмӣ ва тадқиқотӣ гузаронида шуд.

Дар шуъбаи адъюнктура адъюнктону унвонҷӯён таҳсил намуда, тадқиқоти диссертатсионӣ мегузаронанд. Бо ташаббуси Вазири корҳои дохилӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро Академияи ВКД пурра бо фонди китобҳои илмӣ, таълимӣ, бадеӣ, китобхонаи электронӣ, толори конфронсгузаронӣ, интернети баландсуръат таъмин гаштааст. Аксари китобҳои илмӣ ва таълимӣ аз фанни ФОҶ ба қалами Раҳимзода Рамазон Ҳамро тааллуқ доранд. Фаъолияти таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва табъу нашр, тарбиявӣ, хоҷагӣ ва байналмилалӣ аз самтҳои асосии фаъолияти Академия ба ҳисоб меравад.

Санаи 30-юми августи соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар расми мавриди баҳрабардорӣ қарор додани бинои маъмурию таълимӣ ва иншооти Академия иштирок намуданд. Пешвои миллатро дар саҳни ин маҷмааи олии таълимии навбунёд роҳбарият ва ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона истиқбол гирифтанд. Сарвари давлат парда аз лавҳаи рамзӣ бардошта, расман ба фаъолияти марҳилаи аввали Маҷмааи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз бахшиданд ва онро туҳфаи арзандаи роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқболи Ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуданд.

Хотиррасон менамоем, ки ба сохтмони маҷмааи Академия Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 20-уми июни соли 2014 санги асос гузошта, барои бо сатҳу сифати олӣ анҷом додани корҳои сохтмонӣ дар ин иншоот масъулони соҳаро вазифадор карда буданд. Баъд аз ифтитоҳи иншооти Академия Пешвои миллат ба ифтихори ин рӯйдоди фараҳбахш ва фарорасии Рӯзи дониш дар ҳузури ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни ин муассисаи олии таълимӣ суханронӣ намуда, густариши илмро яке аз самтҳои асосии фаъолияти Академия арзёбӣ карданд.

Санаи 22-юми ноябри соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои нави факултети фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди истифода қарор доданд. Президенти кишварро дар саҳни муассисаи олии таълимӣ роҳбарият ва ҳайати шахсии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омӯзгорону курсантони ин боргоҳи илм самимона истиқбол гирифтанд. Сарвари давлат дар вазъияти тантанавӣ расман ба фаъолияти факултети фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии Академия оғоз бахшиданд. Бинои нави факултети мазкур аз 5 ошёна ва таҳхона иборат буда, дар он 15 синфхона бо 600 ҷой, толори лексионӣ, китобхона, бойгонӣ, 16 ҳуҷраи корӣ барои омӯзгорон, синфхонаҳои шоҳмотбозӣ, лингафонӣ барои омӯзиши забонҳои русӣ, англисӣ, чинӣ, толори диссертатсионӣ ва ду толори маҷлис бо 460 ҷой барои курсантон пешбинӣ гардидааст. Акнун минбаъд дар ин бинои нав дар ду кафедраи факултет - кафедраҳои ташкили тактикаи фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ ва пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятӣ, 20 нафар олимону профессорон ба ҷавонон дарс медиҳанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раванди таълиму тарбия ва тайёр намудани мутахассисони варзидаи соҳаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, алалхусус ВКД, мунтазам таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои хос зоҳир менамоянд. Ҳамаи ин ғамхориҳои Роҳбари давлат ба он равона гардидааст, ки ҳайати профессорону омӯзгорони Академия бо дастовардҳои нави илмӣ ва таълимӣ ҷашни муқаддаси миллӣ - 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии таъсисёбии ин боргоҳи илмро сазоворона пешвоз хоҳанд гирифт.

*Саидзода З.А.,*
*муовини сардори Академия оид ба илм,*
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,*
*полковники милитсия*
*Б. Асламов,*
*ходими калони илмии шуъбаи адъюнктура,*
*полковники милитсия*

# Хусусиятҳои муҳим ва масоили рӯзмарраи таълиму тарбияи насли наврас

## Ба истиқболи 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" бахшида мешавад.

Таълиму тарбия ва ба воя расонидани насли ҷомеаи имрӯза масъулияти ҷиддиро аз аҳли ҷомеаи муосири Тоҷикистон талаб менамояд, зеро таълим ва тарбияи насли наврас аз домани модар ибтидо гирифта, то ба мустақилият қадам гузоштан эҳтиёҷ дорад. Таълиму тарбия дар пешгирии даст задани ҷавонону наврасон ба содир намудани ҷинояту қонуншиканӣ нақши муҳим дошта, қарзи шаҳрвандии ҳар як фарди ҷомеа махсуб меёбад. Соҳаи маорифу муассисаҳои таълимӣ бояд дар ичрои ин амри муҳим нақши бештаре дошта бошанд, вале мутаассифона дар ин самт камбудиву норасоиҳо дар баъзе муассисаҳои таълимӣ ба мушоҳида мерасанд. Бинобар ин 10 сол қабл бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри дуруст ва сари вақт ба таълиму тарбияи фарзанд аҳамияти ҷиддӣ додани падару модарон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" пешниҳод гардида, баъди муҳокимаи умумихалқӣ қабул гардид.

Ба масъалаи дастгирии ятимону бепарасторон ва фарзандони оилаҳои камбизоат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ғамхорӣ зоҳир намуда, онҳоро ба таври ройгон ба муассисаҳои томактабӣ, мактаб-интернатҳо ва хонаи кӯдакон фаро гирифтааст. Ин иқдоми нек пайваста идома дошта, дар ҳар як сафарҳояшон Пешвои миллат ба шаҳру ноҳияҳои кишвар аз аҳволи кӯдакон хабардор шуда, нисбати онҳо ғамхориҳои зиёд зоҳир менамоянд.

Мақсад аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.

"Таълим - ин раванди фаъолияти муштараки падару модар, омӯзгор ва муассисаҳои таълимӣ баҳри инкишофи шахсият, истеъдод, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии кӯдак аст.

Тарбия - ин раванди мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани фарзанд мебошад".

Дар маҷмӯъ ҳам таълим ва ҳам тарбия аз тарафи падару модар дар ҳар як марҳилаи асосие, ки кӯдак ҳиссиёт ба оламихастӣ пайдо мекунад, сурат мегирад. Таълиму тарбия аз муҳити хонаводагӣ вобастагӣ дорад, зеро муҳити хонавода дар кадом сатҳ зиндагии худро пеш мебаранд ва дар он оила эҳтироми якдигар, якдигарфаҳмӣ ба назар расида, насли наврас бар пояи он амал мекунад. Вобаста ба ин падару модаронро доштани дониши кофӣ зарур аст, зеро на ҳамаи онҳо аз одитарин намуди тарбия бархӯрдоранд. Хуб мешуд, ки дар ҷомеаи мо фаъолияти созмонҳои мактабӣ ва ҷамъиятӣ тақвият дода мешуд, ки фаъолияти онҳо вобаста ба давраҳои мураккаби таълиму тарбияи фарзанд равона мегардиданд. Ин имкон медиҳад, ки ҳар як падару модар ба ин созмонҳо робитаи зич пайдо намуда, аз онҷо ба таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таълимӣ шинос шуда, истеъдод ва малакаи касбии худро вобаста ба тарбия намудани фарзандон дар муҳити оила ҷорӣ намоянд.

Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад. Ҳар як насли ҷомеа ҳуқуқ дорад, ки дар фазои оила тарбия гирифта, дар муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои миёнаю олӣ дохил шуда илм омӯзад. Ин масъулият бештар ба зиммаи падару модарон мебошад, ки кӯдакро ба кӯдакистон ва пас аз он ба мактаб ва пас аз хатми мактаб ба зиндагии мустақилона омода намоянд, лекин дар ҷомеаи имрӯзаи мо чунин падару модаронеро низ ба назар мерасанд ки дар кори таълиму тарбияи дуруст ва риояву таъмини ҳуқуқҳои фарзандони хеш ба сахлангорӣ роҳ медиҳанд. Ҳол он, ки кӯдаки тавлидёфта дар муддати се моҳ бояд аз сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронида шуда, ба ӯ номи нек гузошта, шаҳодатномаи таваллуд ба вай дода шавад, вале баръакс, баъзе падару модарон ин масъулиятро ба таъхир андохта, ҳангоми ба муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ бурдани фарзандони хеш ба масъалаи мазкур рӯ ба рӯ мешаванд.

Бархе падару модарон нисбат ба тарбияи фарзандон бемасъулиятӣ зоҳир менамоянд, ки оқибат ба миён омадани амалҳои номатлуб ва ба ҷиноят даст задани онҳо мегардад, санги маломат бар сари онҳо ва омӯзгор мезанад, ки онҳоро аз таълиму тарбия дур гузоштаанд.

Аслан таълиму тарбия ду муҳитро дар бар мегирад, хона ва мактаб. Агар фарзандро дар хона дуруст тарбия намуда, таҳкурсии ахлоқу одоби ӯро нисбат ба ҷомеа дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ равона созем, пас ӯ чӣ дар мактаб ва чӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ аз ин ҷиҳат тарбия ёфта, нисбат ба ҳамсабақонаш пешсаф гашта, ба амалҳои номатлуб даст нахоҳад зад. Ҷиҳати ҷалб намудани наврасон ба варзиш, бурдани тарзи ҳаёти солим, донишомӯзиву хониши хубу аъло, эҳтироми волидону устодон, садоқату муҳаббат ба халқу Ватан, дурӣ ҷустан аз рафиқону ашхоси ҷиноятпеша ва амалҳои ғайриқонунӣ гузаронидани суҳбату вохӯриҳо бо ходимони ҷамъиятӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғону ҷавонони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи ВКД саривақтӣ ва зарурӣ мебошад. Гузаронидани чунин тадбирҳо имкон медиҳад, ки наврасону ҷавонон ба омӯзиши илму маърифат ва рафтору гуфтори намунавӣ бештар таваҷҷуҳ ва рағбати инфиродӣ пайдо намоянд.

Яке аз ҳадафҳои дигари Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғону ҷавонони ВКД профилактикаи одатҳои зараровар дар байни ноболиғону ҷавонон мебошад. Мутахассисони кор бо ноболиғон Матвеев В.Ф. ва Гройсман А.Л. дар тадқиқоташон дар бораи профилактикаи одатҳои зараровар чунин одатҳои маъмулро номбар намудаанд:

- тарсу воҳима;
- ноқисии нутқ;
- оворагардӣ;
- суст шудани хотира;
- хаёлпарастии ботил;
- тарси ноқисии ҷисмонӣ;
- тамокукашӣ;
- майнӯшию майзадагӣ.

Ба ин одатҳои зараровар солҳои охир нашъамандиро низ метавон илова кард, ки яке аз проблемаҳои муҳими ноболиғону ҷавонон гаштааст, зеро ин омил аз паст будани маърифати онҳо сарчашма мегирад, ки оқибатҳои ногувори ахлоқӣ ва психологӣ меоранд, ба генофонди миллӣ таъсири манфӣ мерасонанд, кори таълиму тарбияро хеле душвор менамоянд. Ба қавли олимон К. Солиев ва Розиқзода А.Ш., ин вабои инсоният ба шумор меравад, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аҳли ҷомеа бар зидди он мубориза бурда, дар пешгирии он саҳмгузор мебошанд.

Хуб мешуд,ки бештари вақти худро ноболиғону ҷавонон ба мутолиаи китобҳои бадеӣ, машғулиятҳои амалӣ, тасвири расмҳо, омӯзиши забонҳо, истифода аз китобхонаҳои электронӣ, ки хусусияти тарбиявӣ доранд, сарф менамуданд ва аз соатҳои тӯлонӣ дар назди бозиҳои компютерӣ ва шабакаи интернет нишастан худдорӣ карда, воситаҳои электрониро танҳо барои ташаккули сифатҳои неки шахсияти хеш дуруст ва самаранок истифода мебурданд.

Падару модарон бо мактаб бояд доимо робита дошта бошанд, донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълим назорат карда, бо омӯзгорон, ҳайати кормандон ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ оид ба таълими фарзанд мунтазам ҳамкорӣ намоянд. Пайваста дар он бо роҳбари синф ва сарпарастони гурӯҳҳои таълимӣ дар мактабҳои олӣ суҳбат намоянд, бо муаллимҳои фаннӣ ва коллективи синфашон аз наздик ошно гарданд.

Гарчанде фарзанд дар оила ва мактаб рафтору кирдори намунавӣ дорад, берун аз он бо рафиқону ҳамсабақонаш унс гирифта, ногаҳон ба корҳои ғайриахлоқӣ даст мезанад, ки дар ин маврид назорати қатъӣ аз ҷониби падару модарон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ лозим аст, то аз ин омили манфӣ фарзандонро канорагирӣ намоянд.

Дигар омили таъсиррасон ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани саробони хонавода мебошад, ки боиси дур мондани фарзанд аз таълиму тарбия мегардад. Вобаста ба масъалаи мазкур кормандони Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғону ҷавонони ВКД масъулият ҳис намуда, аз вазъи фарзандоне, ки дар мактаб-интернатҳо ва дигар муассисаҳои махсусгардонидашуда новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо таълиму тарбия мегиранд, хабардор шуда, бо чунин муассисаҳо ҳамкорӣ менамоянд ва раванди таълими ноболиғонро дар ин муассисаҳо зери назорати қатъӣ қарор медиҳанд.

Ҳамин тариқ, кори таълиму тарбияи наврас дар ҷомеаи Тоҷикистон дорои хусусият ва проблемаҳои хос буда, тадқиқоти амиқи доманадори илмӣ-педагогиро тақозо менамояд. Барои амалигардонии он мо, ҳамагон, аз ҷумла кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, бояд фаъол бошем.



***А. Сатторзода,
сардори кафедраи ҳифз дар ҳолатҳои фавқулодаи факултети №5,
полковники милитсия***

# Фаъолон қадрдонӣ гардиданд

Бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, муассисаи давлатии "Телевизиони Душанбе" ва Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш бахри сафарбарии навбатӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 15-уми апрел дар Академия чорабинӣ баргузор гардид. Роҳбарият ва кормандони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҷумҳурӣ аз наздик бо шароити таҳсилу хизмати курсантон шинос шуда, дар бораи аҳамияти хизмати ҳарбӣ суҳбатҳои муфид гузарониданд.





Як қатор кормандон ва ҷавонони фаъол барои саҳм гузоштан дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии курсантон, бо пешниҳоди Шӯрои ҷавонони Академия, аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш бо Сипоснома ва тухфаҳои хотиравӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ сарфароз гардонида шуданд.

*Б. Асламов,*
*С. Сафарзода*

# Марҳилаи аввали озмуни китоби "Тоҷикон"

Дар асоси дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва воҳӯрии Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро бо кормандони ҷавон, бо ибтикори сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ дар ин таълимгоҳ марҳилаи аввали озмуни китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров баргузор гашт.





Дар расми ифтитоҳи озмун сардори Академия аз аҳамияти таърихӣ ва фарҳангии китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров ёдоварӣ намуда, ҳамагонро ба омӯзиши амиқи он ҳидоят кард.

Бояд гуфт, дар марҳилаи аввали озмуни китоби "Тоҷикон" дар Академия шумораи зиёди довталабон ширкат намуданд.

*У. Олим,*
*Ш. Убайдуллоев*

# Раванди имтиҳонҳои номзадӣ дар шуъбаи адъюнктура

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Академия омода намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ тавассути шуъбаи адъюнктура мебошад, ки ба он аз тарафи роҳбарияти ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таваҷҷуҳи хос дода мешавад.

Ба шуъбаи адъюнктура номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Н. Самиев, ки мутахассиси самти ФОҶ мебошад, роҳбарӣ менамояд. Рӯзҳои 7-ум ва 9-уми апрел, тибқи фармоиши сардори Академия, раванди супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни таърих ва фалсафаи илм ва забони хориҷӣ (англисӣ) бо иштироки фаъоли унвонҷӯёни шуъбаи адъюнктураи Академия дар ҳузури комиссияи салоҳиятнок баргузор гардид.





Унвонҷӯён Раҳимзода Ф.Р., Вализода С.А., Маҳмадализода А.М., Каримзода Т.К., Сафаров А.К., Одиназода Н.С., Нарзуллозода С.С., Сунатуллозода У.С., Раҷабов А.З. ва Аҳёзода Ш.Т бо баҳои хубу аъло имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият супориданд.

Дар рафти имтиҳонҳои номзадӣ муқаррароти Низомномаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ риоя гардида, ба рафти он муовини сардори Академия оид ба илм, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саидзода Зикрулло Алӣ назорат бурд. Ҳуҷҷатҳои лозимии меъёрӣ сари вақт аз ҷониби муаллим-методисти калони шуъбаи адъюнктура майори милитсия Д. Дадаева омода гардиданд.

Боиси тазаккур аст, ки бо саъю кӯшиши роҳбарияти Академия ва сардори шуъбаи адъюнктура шумораи унвонҷӯён дар ин таълимгоҳи касбӣ сол то сол афзуда истодааст, ки ин аз рағбати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дарак медиҳад.

*Б. Асламов,*
*Т. Ҳоҷивалиева*



# Курси беҳтарин

Дар Академия чун анъана ҳар моҳ барои хониши хубу аъло, интизоми намунавӣ, давомоти саривақтӣ байни факултетҳо ва курсҳои таълимӣ аз ҷониби роҳбарияти ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ беҳтаринҳо интихоб шуда, бо рамзи "Курси беҳтарини моҳ" сарфароз гардонида мешаванд. Моҳи марти соли 2021 бо саъю кӯшишҳои роҳбарияти курс майори милитсия З. Раҳимзода, капитани милитсия Нуроншоҳи С. ва капитани милитсия Н. Ҳалимзода курсантони курси дуюми факултети №2 ҷойи аввалро ба даст оварданд.

*Тоҷиддини Бахтиёр,*
*курсанти курси 2 факултети №2*

# Ҷамъбасти даври дуюми олимпиада



Бо пайгирӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Академия олимпиада аз фанҳои забони тоҷикӣ, забони русӣ ва забони англисӣ, бахшида ба эълон гардидани озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" баргузор гардид.

Давраи дуюми олимпиада дар байни курсантони курсҳои якуму дуюм ва сеюм ҷамъбаст гардид. Ҳадаф аз баргузор намудани олимпиадаи мазкур - ҳавасманд намудани курсантон барои омӯзиши амиқи забонҳо, сайқал додани маҳорати забондонӣ, дарёфту рушди қобилияти забондонии онҳо, дарёфти курсантони болаёқат дар самти забондонӣ, бедор намудани завқи онҳо ба азхуд кардани забонҳои хориҷӣ (бахусус забонҳои русию англисӣ), ҷиҳати идома додани таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи омӯзиш ва азхуд кардани забонҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳар як иштирокчии олимпиада аз рӯйи шаш номинатсия: қироати ғазал, кори хаттӣ (диктанти санҷишӣ), 20-тоӣ савол ба тариқи тестӣ, нақли асари хондашуда (бо риояи талаботи меъёрҳои муқарраршуда), аз вожаҳои пароканда тартиб додани ҷумлаҳо, муайян намудани муродифи 25-то калимаи ҳуқуқӣ ва тарҷумаи онҳо ба забонҳои русию англисӣ, иштирок намуданд.

Олимпиада аз рӯйи натиҷаи ҳар як номинатсия ҷамъбаст ва ғолибон муайян карда шуданд.

Курсантоне, ки холҳои баландро ба даст оварданд аз ҷониби роҳбарияти Академия бо Сипоснома сарфароз гардонида шуданд.

*Азиза Давлатшозода,*
*номзади илмҳои педагогӣ*

# Асоси муваффақият дар Қувваҳои Мусаллаҳ тарбияи ҳарбиву ватандӯстӣ мебошад!

Рӯзи 21-уми апрел дар маҷлисгоҳи факултети №4 конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Қӯшунҳои дохилӣ дар даврони Истиқлолият" гузаронида шуд.

Дар конференсияи мазур бо сухани ифтитоҳӣ муовини сардори факултети №4 оид ба қисми таълим полковники милитсия Н. Муҳаммадиев баромад намуда, ҳозиринро бо ҷашни 28-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфт.

Сипас, дар ин чорабинӣ омӯзгорони кафедраи ҳарбӣ-хизматии факултети №4 ва намояндаи қисми ҳарбии 3501 Раёсати Қӯшунҳои дохилии ВКД вокеъ дар шаҳри Хуҷанд майор Нурзод М.М. бо маърӯза баромад намуданд.





Майор Нурзод М.М. дар мавзӯи "Таърихи ташкилёбии Қӯшунҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон" баромад намуд, ки маърӯзаи ӯ ба курсантони гурӯҳи ҳайати фармондеҳӣ писанд омад.

Дар баромади худ сардори кафедраи ҳарбӣ-хизматии факултети №4 капитани милитсия Ғоибназарзода П.Қ. қайд намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо хотирнишон намудаанд, ки асоси муваффақиятро дар Қувваҳои Мусаллаҳ тарбияи ҳарбиву ватандӯстӣ ташкил медиҳад. Ватандӯстӣ бояд сифати ҷудоинопазир ва эҳсоси қалбии ҳар як хизматчии ҳарбӣ ва корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бошад.

Имрӯз бошад, омӯзгорони факултет вазифадоранд, ки дар равандӣ тарбияи кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи касбии онҳо, риояи бечунучарои муқаррароти қонунгузорӣ, оинномаҳои ҳарбӣ, интизоми хизматӣ ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо фаъол бошанд.

Дар идомаи чорабинӣ як қатор курсантони гурӯҳи Қӯшунҳои дохилӣ шеърҳо оид ба ватандориву ватанпарастӣ қироат намуданд.

Дар анҷоми конференсияи мазкур навори видеоӣ бахшида ба фаъолияти ҳамарӯзаи Қӯшунҳои дохилӣ намоиш дода шуд.

*Кафедраи фанҳои ҳарбӣ-хизматии факултети №4*

# Илм - чароғи маърифат

Дар асоси дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ба илм ҷалб намудани ҷавонон, бо таклифи сардори шуъбаи адъюнктураи Академия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Н. Самиев дар гурӯҳи таълимии 108-уми факултети №2 вохӯрии кормандони ин шуъба - муовини сардори шуъба подполковники милитсия Т. Ҳоҷивалиева ва ходими калони илмии шуъбаи мазкур полковники милитсия Б. Асламов зери унвони "Илм - чароғи маърифат" баргузор гардид.



Маърӯзачиён дар бораи таърих ва фаъолияти шуъбаи адъюнктура, усулҳои интихоб ва навиштани корҳои илмӣ маълумот дода, дар замири курсантон завқи корҳои илмиро бедор намуданд.

Чорабинии мазкур дар ҳамкорӣ бо шӯрои кураторон гузаронида шуд.

*Ш. Убайдуллоев,*
*полковники милитсия*

# Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд

Ҳеҷ соҳае нест, ки марбут ба миллати тоҷику Тоҷикистон бошаду устод Айнӣ чизе нанавишта бошад. Ӯ пайваста ба таълифи осори манзуму мансур, асарҳои таърихию адабиётшиносӣ, забоншиносӣ ва амсоли онҳо машғул шуда, дар босавод кардани мардуми тоҷик ва ташаккулу тараққии Тоҷикистон саҳми босазо гузоштааст. Аз ин ҷост, ки баъд аз ба истиқлол расидани Тоҷикистон бо фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахустин унвони Қаҳрамони миллат ба номи ин бузургвор рақам зада шуд. Айнӣ ба ҳайси донишманди таърихнигор ҳанӯз дар даврони амирӣ бо навиштани асари таърихии илмӣ "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро"(1918) ва китобҳои таълимиаш чун "Таҳсиб-ус-сибён", алалхусус қисмати "Хонадони хушбахт" ҳамчун нависандаи воқеъгаро шуҳрат касб карда буд. Дар 34 соли зиндагии даврони Шӯравияш ба сифати шоир, нависанда, рӯзноманигор, таърихшинос, адабиётшинос, забоншинос, мунаққид, драмнавис ва дар маҷмӯъ, бунёдгузори насри воқеъгаро, бахусус насри реалистӣ ва анвои мухталифи он дар адабиёти Шӯравии тоҷик шинохта шуд.

Бахшида ба 143-солагии зодрӯзи сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ, ки ҳамасола санаи 15-уми апрел қайд карда мешавад, дар факултети №6 таҳти унвони "Аҳамияти тарбиявии ашъори Садриддин Айнӣ" мизи мудаввар баргузор гардид.

Курсантони курси якуми факултети номбурда аз ҳаёт ва фаъолияти пурсамари устод Айнӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оид ба мавзӯъҳои ватандӯстӣ дар ашъори устод Айнӣ, роҷеъ ба шахсият ва осори устод, ҷойгоҳи устод дар таърихи навини миллати тоҷик, мавқеи осори Айнӣ дар тарбияи ифтихори миллӣ ва хештаншиносӣ баромадҳо намуда, чорабинии мазкур бо қироати "Марши ҳуррият"-и устод Айнӣ аз ҷониби курсанти курси якум Саидбухорӣ Самардинзода анҷом ёфт.

*Азиза Давлатшозода,*
*полковники милитсия*





# Масъалаҳои такмили методикаи тайёрии оташфишонӣ

Дар ҷодаи ҳамкориҳои дутарафа ва мувофиқи иҷрои бандҳои дахлдори Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва фаъолияти илмие, ки 26-уми апрели соли 2018 байни Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Федератсияи Руссия дар шаҳри Барнаул ба имзо расидааст, санаи 23-юми апрел мутахассисони Академия дар онлайн-семинари байнидоравии илмӣ-назариявӣ (байналмилалӣ) дар мавзӯи "Такмили методикаи тайёрии оташфишонии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Федератсияи Руссия ва дар хориҷа", ки дар шаҳри Барнаул баргузор гардид, иштирок намуданд. Семинари мазкур бо истифода аз платформаи интернетии "BigBlueButton" гузаронида шуд.



Дар семинари илмӣ мутахассисони соҳаҳои варзиш, педагогика, тайёрии оташфишонию ҷисмонӣ ва фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ аз макотиби олии системаи ВКД Федератсияи Руссия, Қирғизистону Қазоқистон бо маърӯзаҳо иштирок намуданд.

Дар рафти чорабинии мазкур масъалаҳо ҷиҳати истифодаи силоҳ, таъмин намудани бехатарии шахсии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар вақти истифодаи силоҳи хизматӣ ва ҷангӣ, ташкил ва гузаронидани дарсҳои амалии тирпаронӣ дар замони муосир, ҷанбаҳои психологии курсантону шунавандагон дар рафти дарсҳои амалӣ дар ин соҳа ва ғайра мавриди баррасии васеъ қарор гирифтанд.

Дар онлайн-семинар омӯзгори калони кафедраи тактикаи махсус ва тайёрии ҷисмонии факултети №2 подполковники милитсия Айдархонзода Ш.Х. бо маърӯза дар мавзӯи "Масъалаҳои таъмин намудани бехатарӣ дар рафти тирпаронӣ" баромад намуд. Инчунин, дар кори семинар курсантони курси чоруми факултети №2 иштирок намуданд.

Баъд аз анҷоми маърӯза аз тарафи иштирокчиёни семинар ба маърӯзачӣ оид ба таҷрибаи ватанӣ ҷиҳати истифодаи силоҳи хизматӣ саволҳо пешниҳод гардиданд.

Дар охири чорабинӣ иштирокчиён ҳамкории пурсамар ва натиҷабахшро дар оянда таманно намуданд.

*Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ*
*ва табъу нашр*

# Китоб - боғи пурсамар



Китоб дар ҳар давру замон аз тарафи олимону мутафаккирони дунё бо азизтарин ва пурбаҳотарин неъматҳои олам қиёс шудааст. Шоири машҳури рус Лев Ошанин навишта буд: "Пас аз ҳаво, об ва нон барои инсон чизи аз ҳама зарур китоб аст. Китоб - фатҳи олам, китоб -маслиҳатгар, китоб - мураббӣ, китоб - воситаи истироҳат аст".

Маорифпарвари фаронсавӣ Лука Пена 600 сол муқаддам навишта буд, ки дар хотир ҳар қадар сухани нек дошта бошад, ба китоб нисбат дода наметавонад. Зеро китоб - чароғи дил, оинаи тан, муаллими накӯкорон, бартарафкунандаи айбҳо, тоҷи фозилон, ҳамсафари хуб, дӯст дар хона, ҳамсуҳбати беморон, маслиҳатгари ҳокимон, кони суханҳои марғуб, боғи пурсамар, майдони гулпӯш, махзани хотирот, доимо ҳозир, ҳамеша дар хизмат, ҳозирҷавоб, калиди асрор, бартарафкунандаи торикӣ, бурҳони қотеъ, шореҳи нофаҳмиҳо, ҳомӣ аз касофатиҳо, нигоҳдорандаи бахт, афзункунандаи неъматҳо ва дорандаи зиёнҳост.

Китоб на танҳо диди касро ба зиндагӣ аниқтар, ҷаҳонбиниро васеътар мегардонад, балки ба эҳсосот таъсир мерасонад, инсонро рӯҳан тоза менамояд. Китобхонӣ бахти бузург аст.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тӯли чанд вақт аст, ки дар саросари кишвари азизамон давра ба давра озмунҳои "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Тоҷикистон - Ватани азизи ман " гузаронида шуда, китобхонҳои беҳтарин сазовори ҷойҳои намоён гаштанд.

Ин ташаббус ва иқдоми неки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ бо самимият ва хушӣ пазируфта шуда, дар байни кормандон ва курсантони факултети №4 давра ба давра озмуни "Китобхони беҳтарин" ташкил ва гузаронида шуд.

Ниҳоят рӯзҳои 20-21 апрел даври ниҳоии озмун дар байни ғолибони ду даври аввал, бо иштироки 6 нафар кормандон ва 8 нафар курсантони бахшҳои гуногун гузаронида шуд. Аз натиҷаи озмун дар байни кормандон инҳо ҷойҳои намоёнро ишғол карданд:

- Ҷойи аввал, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавӣ полковники милитсия Мақсадзода О.И. бо мутолиаи зиёда аз 100 китоб;

- ҷойи дуюм, сардори кабинети кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурӣ капитани милитсия Асадхони А. бо мутолиаи зиёда аз 40 китоб;

- ҷойи сеюм, муаллими кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ лейтенанти калони милитсия Самадзода И.А. бо мутолиаи зиёда аз 30 китоб.

Дар байни курсантон ҷойҳои намоёнро инҳо ба даст оварданд:

- Ҷойи аввал, милитсияи қаторӣ Р. Мирзоев бо мутолиаи зиёда аз 60 китоб;

- ҷойи дуюм, сержанти хурди милитсия Д. Ғафурӣ бо мутолиаи зиёда аз 40 китоб;

- ҷойи сеюм, милитсияҳои қаторӣ А. Авлиёев ва М. Абдуҷабборов бо мутолиаи зиёда аз 30-китобӣ.

***Аҳмадзода М.А.,***
***профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №4,***
***подполковники милитсия***

# Курсантон дар Осорхонаи ВКД

Осорхона оинаи таърих ба ҳисоб рафта, пайвандгари дирӯзу имрӯзу фардо ва баёнгари арзишҳои волои маънавии мардуми тоҷик мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намудаанд, ки "Осорхона бахши хеле муҳими ҳофизаи таърихии инсоният мебошад. Махсусан халқҳои мутамаддин барои ҳифзи ёдгориҳои безаволи гузаштагони худ ва осори моддиву ғайримоддии бамеросмонда тадбирҳои зарурӣ андешидаанд".

Осорхонаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар осорхонаҳои ҷумҳурӣ мавқеи хоса дошта, муаррификунандаи таъриху фаъолияти ниҳоди мазкур ба ҳисоб меравад.




Дар робита ба ин роҳбарияти Академия бо мақсади дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбият ёфтани курсантони ин таълимгоҳи касбӣ ҳамеша ба онҳо таъкид менамоянд, ки аз Осорхонаи ВКД дидан намоянд. Зеро осорхонаи ВКД оинаи пурҷилоест, ки ҳаёт ва таърихи милитсияи тоҷик, пирӯзиҳо ва сарнавишти фарзандони номдору ифтихорманди ин ниҳодро инъикос менамояд.

Ҷиҳати амалӣ намудани корҳои иҷтимоӣ-тарбиявӣ, дар таърихи 13-уми апрел курсантони курси якуми гурӯҳҳои таълимии 104, 105 ва 106 факултети №2 аз Осорхонаи ВКД дидан намуданд. Ҳангоми шиносоӣ бо осорхонаи номбурда, курсантон аз таърихи таъсисёбии милитсияи тоҷик, дастовардҳои ин сохтор, шоҳкориҳои далермардони ин ниҳод ва ғайра ба худ дарси худшиносӣ, ватандӯстӣ ва садоқатмандиро гирифтанд.

Ҳамин тариқ, ҳар яке аз ҷузъиётҳои дар осорхона маҳфузбуда дорои хусусиятҳои хоси худ буда, барои курсантон на танҳо як хотираи нек гузошт, балки шиносоӣ ба онҳо беҳтарин дарси таърихию фарҳангӣ ва далерию шуҷоатро гузошт.

***Қодирзода Ғ.Н.,***
***Музаффарзода А.С.,***
***Амонулои Ҳ.***




# Тамошои маконҳои таърихӣ

Санаи 20-уми апрел ҷиҳати иҷрои нақшаи кори таълимӣ-тарбиявӣ дар факултети №4 оид ба ташкил намудани экскурсия ба ҷойҳои таърихию фарҳангии шаҳри Хуҷанд, гурӯҳи курсантон аз Осорхонаи таърихии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, воқеъ дар боғи фарҳангиву фароғатии ба номи Камоли Хуҷандӣ дидан намуда, ҷойҳои таърихию фарҳангии ин макони зебои шаҳрро тамошо карданд.

Ҳадаф аз тамошои чунин маконҳои таърихию фарҳангӣ баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстии курсантон ва эҳтиромгузории онҳо нисбати арзишҳои миллӣ мебошад.

***Муҳаммад Ибодзода,***
***муаллими кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №4,***
***лейтенанти калони милитсия***

***Илм***

*Илм аст чароғи зиндагӣ,*
*Дар лаҳзаҳои бекасӣ.*
*Ғофил машав, бедор шав,*
*Онро ҷӯё бош, одамӣ.*

***Толиб Саидов,***
***курсанти курси 1 факултети №2***



**МУАССИС:**
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Раҳимзода Р.Ҳ.**
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Шарифзода Ф.Р.**
*Сардори Академияи ВКД*

**Кабирзода Ҷ.Ҳ.**
*Муовини аввали сардори Академияи ВКД*

**Саидзода З.А.**
*Муовини сардори Академияи ВКД*

**Ализода А.Ш.**
*Муовини сардори Академияи ВКД*

*САРМУҲАРРИР:* **Умед Олим**
*СУРАТГИР:* **Шавкат Убайдуллоев**
*ТАРРОҲ:* **Муҳаббат Рашидова**

Барои истифодаи матолиби нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе матолибро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд.
Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

**НИШОНӢ:**
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

**Телефонҳо:**
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха